ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ «БОНКИ ЭСХАТА»

ИҚТИБОС АЗ ПАЙНАВИШТИ МАҶЛИСИ
УМУМИИ САҲМДОРОНИ ҶСК «БОНКИ ЭСХАТА»

**Панҷшанбе, 28 апрели 2016** **№ 20** **ш. Хуҷанд**
**Вақти баргузорӣ: 14:00**

**Раисикунанда:** **Каримов Р.Ҳ.**
Котиби маҷлис: Раупова М.Д.

Теъдоди умумии саҳмдорони Бонк ба ҳолати 20 апрели соли 2016 – 62 нафар саҳмдор.

Теъдоди умумии саҳмияҳои дар рӯзи гузаронидани маҷлис дар гардиш буда – 544 803 адад.

Дар маҷлис 29 нафар саҳмдорон, ки дар маҷмӯъ 450 552 саҳмияро соҳиби менамоянд, ки он 82,70% саҳмияҳои овоздорро ташкил медиҳад, иштирок намуданд. Аз ҷумла 9 нафар саҳмдорон аз рӯи ваколатнома иштирок намуданд.

....

**Рӯзномаи маҷлис**

1. .....;
2. .....;
3. .....;
4. .....;
5. .....;
6. .....;
7. Муҳокимаи масъалаи бароришн вомбаргҳои ҶСК «Бонки Эсхата»;
8. .....

.........

**Масъалаи ҳафтум.**
**Муҳокимаи масъалаи барориши вомбаргҳои ҶСК «Бонки Эсхата»;**

Раиси Раёсат Носиров Х.Д. оид ба мақсади барориши вомбаргҳо, тартиби паҳнкунии онҳо, нишондоди маблағи умумӣ ва миқдори вомбаргҳо ва арзиши номиналии вомбаргҳо маълумоти муфассал дод.

Мувофиқи моддаи XII, банди 12.8.5.-и "Оинномаи Бонк" муайян намудани миқдор, арзиши номиналӣ, намуди (навъ) саҳмияхои эълон шуда ва вомбаргҳо ва ҳамчунин ҳуқуқҳое, ки ба ин саҳмияҳо ва вомбаргҳо

дода шудааст, ба салоҳияти маҷлиси умумии саҳмдорон вогузошта шудааст.

Баъди шиносоӣ бо шартҳои асосии барориши вомбаргҳо саҳмдорон ба саволҳои худ аз ҷониби ҳуқуқшиноси пешбари бонк Суванова Ф. ва иқтисодчии калони шуъбаи муносибатҳои байналхалқӣ Калонов Ш. ҷавобҳои қонеъкунанда гирифтанд. Пешниҳод ба миён омад, ки барориши вомбаргҳои ҶСК "Бонки Эсхата" тасдиқ карда шавад.
Раисикунанда пешниҳоди ба миён омадаро ба овоз гузошт.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**

**Тарафдор – «450 552» овоз** **Муқобил «нест»**

**Қарор карданд:**
7.1. Барориши вомбаргҳои ҶСК "Бонки Эсхата" бо шартҳои зерин тасдиқ карда шавад:
7.1.1. Нишондоди намуди вомбаргҳо: **ғайриҳуҷҷатӣ ва номӣ.**
7.1.2. Ҳуқуқҳои молик, ки дар вомбаргҳо дарҷ гардидаанд:
**- Гирифтани фоида дар шакли фоиз аз рӯи вомбарг;**
**- Дар ҳаҷми пурра баргардонидани маблағи саҳмкардашуда.**
7.1.3. Тартиби паҳнкунии вомбаргҳо:
**Тавассути ҶСК «Биржаи фондии Осиёи Миёна»**
7.1.4. Тартиби пардохти даромадҳо: **Ҳар семоҳа**
7.1.5. Нишондоди маблағи умумӣ ва миқдори вомбаргҳо дар барориши мазкур:
**Маблағи умумӣ: 20 000000,00 (Бист миллион сомонӣ 00 дирам) сомонӣ;**
**Миқдори вомбаргҳо: 200 000 (Дусад ҳазор) дона.**
7.1.6. Мӯҳлати обунашавӣ ба вомбаргҳо:
**Дар давоми ду моҳ аз санаи бақайдгирииии давлатӣ.**
7.1.7. Арзиши номиналии вомбаргҳо: **100 (Сад) сомонӣ.**
7.1.8. Мӯҳлати баргардонидани маблағҳо ҳангоми даст кашидан аз гузаронидани барориши вомбаргҳо:
**Дар давоми як моҳ аз санаи қабули қарор дар бораи даст кашидан аз гузаронидани барориши вомбаргҳо.**

| | |
|---|---|
| Раисикунанда | Каримов Р.Ҳ. |
| Котиби маҷлис | Раупова М.Д. |
| Ҳуқуқшиноси калон | Ғайратов А.Ғ. |

Иқтибос дуруст аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Republic of Tajikistan, Бонки Эсхата шаҳри Хуҷанд, "Bank Eskhata" Opened Joint-stock Company, ҷамъияти саҳомии кушода — ШУЪБАИ КОРГУЗОРӢ